Фармоишҳои муштарак

1) Қарои ҳайати мушовараи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи намунаҳои Созишномаҳои соҳавӣ, Шартномаҳои коллективӣ ва шартномаи (қарордоди) меҳнатӣ»
2) Дастуруламал дар бораи пардохти музди меҳнати иловагӣ ба кормандон дар мавриди бо айби корфармо ба таъхир афтодани пардохти музди меҳнат
3) Оид ба тасдиқи Дастуруламали тартиби сабтиномкунии маълумотии созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ

**Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 августи соли 2010, № 82**

**Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон аз 10 августи соли 2010, № 48**

# ФАРМОИШИ ЯКҶОЯ
## оид ба тасдиқи Дастуруламали тартиби сабтиномкунии маълумотии созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ

Мутобиқи банди 39 Низомномаи тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, № 307 тасдиқ шудааст,

**ф а р м о и ш м е д и ҳ е м:**

1) Дастуруламали тартиби сабтиномкунии маълумотии созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ тасдиқ карда шавад.

2) Вазорату идораҳо, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту корхонаҳо, новобаста аз шакли моликият созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективии басташударо тибқи талаботи Дастуруламали мазкур сабти ном намоянд.

3) Раёсати муносибатҳои меҳнатии Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фармоиши якҷояро ҷиҳати бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуда, интишори расмии онро таъмин намояд.

4) Фармоиши якҷояи мазкур баъд аз санҷиш, бақайдгирӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

5) Низомномаи сабтиномкунии маълумотии созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ, ки аз ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи Тоҷикистон аз 28 ноябри соли 2002 ба тасвиб расидааст, аз эътибор соқит дониста шавад.

6) Назорати иҷрои Фармоиши якҷояи номбурда ба зиммаи муовини якуми Вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовини Раиси Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон гузошта шавад.

Замима
ба Фармоиши якҷояи Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи иттифоқҳои касабаи мустақили Тоҷикистон
аз 10 августи соли 2010, №№ 82, 48

# ТАРТИБИ САБТИНОМКУНИИ МАЪЛУМОТИИ СОЗИШНОМАҲОИ СОҲАВӢ ( ТАРИФӢ ), МИНТАҚАВӢ ВА ШАРТНОМАҲОИ КОЛЛЕКТИВӢ

## I. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1) Дастуруламали тартиби сабтиномкунии маълумотии созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ мутобиқи банди 39 Низомномаи тартиби таҳия ва бастани созишномаҳои генералӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2008, № 307 тасдиқ карда шудааст ва муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ» таҳия гардида, тартиби сабтиномкунии созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективиро дар мақомоти дахлдор оид ба меҳнат муайян менамояд.

2) Амали Дастуруламали мазкур ба созишномаҳо ва шартномаҳои коллективие, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тартиботи муқарраршуда баста шудаанд, татбиқ мегардад.

3) Таҳти сабтиномкунии созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ барои ҳадафҳои Дастуруламали номбурда муайянкунии мутобиқати онҳо ба қонунгузорӣ ва ҳатмии иҷрои тартиботе, ки аз ҷониби мақомоти дахлдор оид ба меҳнат барои ҳамаи корфармоён, намояндагони онҳо ва иттиҳодияи корфармоён бо мақсади гирифтани маълумоти дақиқ ҷиҳати амалисозии назорат аз рӯи иҷрои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ зарур мебошад, равона карда шудааст, фаҳмида мешавад.

## II. ТАРТИБИ САБТИНОМКУНИИ СОЗИШНОМАҲОИ СОҲАВӢ (ТАРИФӢ), МИНТАҚАВӢ ВА ШАРТНОМАҲОИ КОЛЛЕКТИВӢ

4) Созишномаҳои соҳавии (тарифӣ) басташудаи байни мақомоти идоракунии давлатӣ, ташкилотҳо ва кумитаҳои иттифоқҳои касабаи ҷумҳуриявӣ (марказӣ), инчунин созишномаҳои минтақавӣ дар давоми даҳ рӯз аз рӯзи ба имзо расидан аз ҷониби корфармо ё намояндагони корфармо дар се нусха барои сабтиномкунӣ ба Вазорати меҳнат ва

ҳифзи ичтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешаванд.

5) Созишномаҳои соҳавии (тарифӣ) басташудаи соҳаҳои мухталифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо баъди ба имзо расидан дар давоми даҳ рӯз дар се нусха барои сабтиномкунӣ ба мақомоти дахлдор оид ба меҳнати вилоятӣ ва шаҳру ноҳиявӣ пешниҳод карда мешаванд.

6) Шартномаи коллективӣ баъди ба имзо расидан дар мӯҳлати даҳ рӯз корфармо ё намояндагони корфармо дар се нусха барои сабтиномкунӣ ба мақомоти дахлдор оид ба меҳнати мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо пешниҳод менамояд.

7) Ҳангоми пешниҳоди созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ ҷиҳати сабтиномкунӣ ба мақомоти бақайдгиранда қарори маҷлис, ҳангоми ба миён омадани ихтилофот суратмаҷлисҳои ихтилофоти назар, инчунин маълумот тибқи замимаи № 1 Дастуруламали мазкур пешниҳод карда мешаванд.

8) Саҳифаҳои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ бо назардошти пешниҳодҳо ва дигар ҳуҷҷатҳо бояд рақамгузорӣ гардида, дӯхта шуда, мӯҳр ва имзои тарафҳоро дошта бошанд. Пас аз сабтиномкунӣ як нусхаи созишнома ва шартномаи коллективӣ то давраи анҷоми мӯҳлати амал дар мақомоти бақайдгиранда нигоҳ дошта мешавад, дигар нусхаҳо ба тарафҳои дар созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ имзо гузоштаанд, пешниҳод карда мешаванд.

9) Мақомоти бақайдгиранда созишнома ва шартномаи коллективии пешниҳодшударо дар муддати даҳ рӯз аз рӯзи ворид шудани санад баррасӣ намуда, дар сурати ба қонунгузории ҷумҳурӣ мутобиқ будани он тибқи шакли дар замимаи № 2 Дастуруламали мазкур муқарраргардида санади бақайдгирӣ тартиб медиҳад, ки он бо мӯҳр ва имзои роҳбари мақомоти бақайдгиранда тасдиқ карда мешавад ва дар ин бора тарафи пешниҳоднамудаи санадро хаттӣ огоҳ мекунад. Пас аз сабтиномкунӣ мақомоти бақайдгиранда тибқи замимаи № 3 Дастуруламали мазкур санади сабтиномшударо ба Феҳристи созшиномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ ворид менамояд.

10) Агар дар мавриди бақайдгирӣ меъёрҳои созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ба қонунгузории амалкунанда мухолифат дошта бошанд, ё ин ки вазъи кормандонро нисбати қонунгузорӣ бад кунанд, инчунин дар сурати барасмиятдарории созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ муқаррароти Дастуруламали мазкур риоя карда нашавад, мақомоти бақайдгиранда ҳуқуқ дорад санадҳои пешниҳодшударо сабти ном накарда, ба тарафҳо эродҳо ва таклифу пешниҳododи худро ҷиҳати мутобиқ гардонидани санадҳо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Дастуруламал ирсол намояд.

11) Тарафҳо аз ҷараёни татбиқ ва иҷрои муқаррароти созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ дар як сол на кам аз ду маротиба ба мақомоти бақайдгиранда маълумоти муфассал пешниҳод менамоянд.

12) Ҳангоми ба созишнома ва шартномаи коллективӣ дар давраи амали он тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд ё мӯҳлати амали он тамдид шавад, мутобиқи қонунгузории амалкунанда ва тартиби муқаррарнамудаи Дастуруламали мазкур аз нав дар мақомоти бақайдгиранда сабти ном карда мешавад.

## III. МАҚСАДИ САБТИНОМКУНӢ

13) Сабтиномкунӣ бо мақсади муайян намудани мутобиқати санадҳо ба қонунгузорӣ, баэътиборгирии муқаррароти созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ ҳангоми баҳсҳои меҳнатие (инфиродӣ ва коллективӣ), ки аз тарафи мақомоти ваколатдори давлатӣ баррасӣ мегардад, ба амал бароварда мешавад. Ҳамчунин, сабтиномкунӣ бобати тасдиқи саҳеҳии асли санадҳо ва нусхаҳои батасвибрасида сурат гирифта, мақсади он баланд бардоштани сатҳи кафолатҳои ҳуқуқии меҳнатӣ ва ҳифзи иҷтимоии кормандон ва таъмини ҳадди ақали кафолати иҷтимоию меҳнатие мебошад, ки давлат муқаррар намудааст.

14) Мақсадҳои асосии сабтиномкунӣ:

- муайян намудани ӯҳдадориҳои қабулгардидаи тарафҳо, ки хилофи қонунгузории меҳнат ва қоидаҳои ҳифзи меҳнат қабул гардидаанд, пешгирӣ аз риоя нагардидани талаботи қонунгузории меҳнат, инчунин андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати бартараф намудани меъёрҳои ғайриқонунии муқарраргардида дар ташкилот;
- мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳайё намудани шароити мусоид ҷиҳати амалигардонӣ ва назорати иҷрои муқаррароти созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ дар байни тарафҳо;
- расонидани кӯмаки методию машваратӣ дар таҳия ва бастани созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ, пешгирии ихтилофот ва баҳсҳои меҳнатӣ.

15) Созишнома ва шартномаи коллективие, ки ба мақомоти дахлдор оид ба меҳнат барои сабтиномкунӣ пешниҳод карда мешаванд, бояд ба муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шарикии иҷтимоӣ, созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ», «Дар бораи забони давлатӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатии қабулгардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ бошанд.

***Дар Вазорати адлияи ҶТ бо рамзи №588***
***аз 06 .09. 2010 ба қайд гирифта шудааст.***

Замимаи № 1
ба Дастуруламали тартиби
сабтиномкунии маълумотии
созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ),
минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ

**НОМГӮИ**
**маълумотҳое, ки аз ҷониби корфармоён (иттиҳодияи корфармоён) ҳангоми сабтиномкунии созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ пешниҳод мешаванд**

1. Номгузории пурраи ташкилот (иттиҳодияи корфармоён) бо нишон додани номи мухтасари ташкилот (дар сурате, ки вуҷуд дорад).

2. Ному насаб ва номи падар (пурра):

- роҳбари ташкилот (иттиҳодияи корфармоён) — телефон, факс
- муовини роҳбари ташкилот (иттиҳодияи корфармоён) — телефон, факс
- раиси (роҳбари) мақомоте, ки кормандони ташкилотро муаррифӣ мекунанд (иттифоқи касаба, иттиҳодияи онҳо) — телефон, факс

3. Ҷойгиршавии ташкилот бо нишон додани суроғаи почтавӣ ва маъмурияти шаҳрӣ ё ноҳиявӣ.

4. Соҳаи иқтисодиёти ташкилоти болои (дар сурате, ки вуҷуд дорад), аз ҷумла дар сатҳи ҷумҳуриявӣ.

5. Шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва намуди молу мулки ташкилот (ташкилоте, ки амали созишнома ва шартномаи коллективӣ паҳн мешавад).

6. Намудҳои асосии фаъолият.

7. Музди миёнаи меҳнати кормандон.

8. Шумораи кормандони ташкилот (кормандоне, ки созишномаҳо ва шартномаҳои коллективӣ фарогир мебошад).

9. Санаи қабули созишнома ва шартномаи коллективӣ ва мӯҳлати амали он.

Роҳбари (муовини роҳбари)
ташкилот (иттиҳодияи корфармоён)

имзо

Мӯҳр

Замимаи № 2
ба Дастуруламали тартиби
сабтиномкунии маълумотии
созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ),
минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ

**САНАДИ БАҚАЙДГИРӢ**
**оид ба тартиби сабтиномкунии созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ**

Ба қайд гирифта шуд дар ________________________________________
(мақомоти бақайдгиранда)

_______________________________________________________________

_______________________________________________________________
Шартномаи Коллективии
_______________________________________________________________

_______________________________________________________________
(номгӯи созишнома, шартномаи коллективӣ)

Байни_______________________________________________ Корфармо ва Кормандон____________________________________________________
(тарафҳое, ки созишнома ва шартномаро имзо намудаанд)

Рақами қайд № 1 аз «30 » декабри соли 201_

Шарҳ ё тавсиякунии мақомоти бақайдгиранда______________________.

Ҳангоми ворид кардани тағйиру иловаҳо ба созишнома ё шартномаи коллективӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Низомномаи амалкунанда аз нав сабти ном карда мешавад

_______________________________________________________________

Роҳбари мақомоти бақайдгирӣ _________________ ___________________
(имзо) (ному насаб)

Ҷ.М.

Замимаи № 3
ба Дастуруламали тартиби
сабтиномкунии маълумотии
созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ),
минтақавӣ ва шартномаҳои коллективӣ

**ФЕҲРИСТИ**
**созишномаҳои соҳавӣ (тарифӣ), минтақавӣ**
**ва шартномаҳои коллективӣ**

| № № | Сана ва рақами воридоти ҳуҷҷат | Мақомоти пешниҳоднамудаи ҳуҷҷат | Номгузории ҳуҷҷат, тарафҳои баимзорасонида, сана ва рақами басташудаи ҳуҷҷат | Мӯҳлати басташудаи ҳуҷҷат | Санаи бақайдгирӣ | Рақами бақайдгирӣ | Сана ва рақами баргардонии ҳуҷҷати бақайдгирифташуда | Санаи интишори маълумот дар нашрияи расмӣ оид ба бақайдгирии ҳуҷҷат | Шарҳ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | |

## Маълумот

Дар бораи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, шумораи коргарон, музди меҳнат ва қарздории музди меҳнат дар ___________ дар моҳи ______ соли 20___

| | | Ҳаҷми умумии маҳсулот аз аввали сол (ҳазор сомон) | | | Истеҳсоли маҳсулот ба 1 нафар коргар (сомонӣ) | | | Шумораи коргарони умумӣ (нафар) | | | Шумораи коргарон дар давраи ҳисоботи (наф.) | | | Фонди музди меҳнат (ҳазор сомонӣ) | | | | | Музди моҳонаи миёнаи 1 коргар (сомонӣ) | | | Қарздории музди меҳнат (ҳаз. сом.) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | | | | Ҳамагӣ аз аввали сол | | | Аз он ҷумла бо коргарони доимӣ | | | | | Аз он | | |
| | | 20__ | 20__ | % | 20__ | 20__ | % | 20__ | 20__ | % | 20__ | 20__ | % | 20__ | 20__ | % | 20__ | 20__ | 20__ | 20__ | % | Аз солҳои гузашта | Аз солҳои гузашта | Дар моҳи ҳисоботӣ |
| | Ҳамагӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | Аз он ҷумла | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | Саноат | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | Хоҷагии қишлоқ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 3 | Хоҷагии ҷангал | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | Нақлиёт | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 5 | Алоқа | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 6 | Сохтмон | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 7 | Савдо ва хӯроки умумӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 8 | Дигар соҳаҳои ист. моддӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 9 | Муассисаҳои коммуналӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 10 | Тандурустӣ ва таъминоти иҷтимоӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 11 | Маориф | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 12 | Маданият ва санъат | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 13 | Илм | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 14 | Қарз, молия, суғурта | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 15 | Ташкилот-ҳои роҳбари-кунанда | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 16 | Корхонаҳои муштарак | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 17 | Корхона-ҳои хусусӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 18 | Коопера-тивҳо | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | Сардори (Раёсат, шуъба, бахш) Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ | | | | | | | | | | | | | | имзо | | | | | | Ф.И.О |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

**намуна**

Маълумот

Дар бораи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, шумораи коргарон, музди меҳнат ва қарздории музди меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои _______ дар моҳи ____________ соли 20____

| | | Ҳаҷми умумии маҳсулот аз аввали сол (ҳазор сомон) | | | Истеҳсоли маҳсулот ба 1 нафар коргар (сомонӣ) | | | Шумораи коргарони умумӣ (нафар) | | | Шумораи коргарон дар давраи ҳисоботи (наф.) | | | Фонди музди меҳнат (ҳазор сомонӣ) | | | | | Музди моҳонаи миёнаи 1 коргар (сомонӣ) | | | Қарздории музди меҳнат (ҳаз. сом.) | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | | | | | | | Ҳамагӣ аз аввали сол | | | Аз он ҷумла бо коргарони доимӣ | | | | | Аз он | | |
| | | | | % | | | % | | | % | | | % | | | % | | | | | % | Аз солҳои гузашта | Аз солҳои гузашта | Дар моҳи ҳисоботӣ |
| | Ҳамагӣ | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | Аз он ҷумла | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 1 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 2 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 3 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 4 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 5 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 6 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 7 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 8 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 9 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 10 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 11 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 12 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 13 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 14 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 15 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 16 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 17 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| 18 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| | | | | | Сардори (Раёсат, шуъба, бахш) Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ | | | | | | | | | | | | | имзо | | | | | | Ф.И.О |
| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |

**намуна**

**Шумораи умумии**

**идораҳо, корхонаҳо, ташкилотхо ва муассисаҳо новобаста аз шакли моликият дар шаҳр (ноҳияи) _______ ба холати __________**

| Шумораи умумии корхонаҳо | Аз он ҷумла | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | саноат | сохтмон | Нақлиёт ва роҳ | Савдо ва хӯроки умумӣ | Хизматрасонии маишӣ | Хоҷагии фермери деҳқонӣ | Геология ва корҳои ҷустуҷӯи геологӣ | тандурустӣ | Маориф ва варзиш | Фарҳанг ва санъат | Илм ё хизматрасонии илмӣ | Қарз ё суғурта | Ташкилотҳои ҷамъияти | Мақомотҳои идора | Дигар соҳаҳо |
| | | | | | | | | | | | | | | | |

**намуна**

## Шумораи умумии

**Созишномахо ва шартномаҳои коллективии номнависшудаи идораҳо,**

**корхонаҳо, ташкилотхо ва муассисаҳо новобаста аз шакли**

**моликият дар шаҳр  (ноҳияи) _______ ба холати __________**

| Шумораи умумии корхонаҳо | Шумораи умумии созишномаҳо ва шартномаҳо | Аз он ҷумла | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | саноат | сохтмон | Нақлиёт ва роҳ | Савдо ва хӯроки умумӣ | Хизматрасонии маишӣ | Хоҷагии фермери деҳқонӣ | Геология ва корҳои ҷустуҷӯи геологӣ | тандурустӣ | Маориф ва варзиш | Фарҳанг ва санъат | Илм, хизматрасонии илмӣ | Қарз, суғурта | Ташкилотҳои ҷамъияти | Мақомотҳои идора | Дигар соҳаҳо |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |

**Шумораи умумии**

**идораҳо, корхонаҳо, ташкилотхо ва муассисаҳо новобаста аз шакли моликият дар шаҳру ноҳияҳои ______________ба холати ___________**

| Шумораи умумии корхонаҳо | Аз он ҷумла | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | саноат | сохтмон | Нақли|т ва роҳ | Савдо ва хӯроки умумӣ | Хизматрасонии маишӣ | Хоҷагии фермери деҳқонӣ | Геология ва корҳои ҷустуҷӯи геологӣ | тандурустӣ | Маориф ва варзиш | Фарҳанг ва санъат | Илм ё хизматрасонии илмӣ | Қарз ё суғурта | Ташкилотҳои ҷамъияти | Мақомотҳои идора | Дигар соҳаҳо |
| | | | | | | | | | | | | | | | |

# Шумораи умумии

**Созишномахо ва шартномаҳои коллективии номнависшудаи идораҳо,**

**корхонаҳо, ташкилотхо ва муассисаҳо новобаста аз шакли**

**моликият дар шаҳру ноҳияҳои ___________ ба ҳолати ________**

| Шумораи умумии корхонаҳо | Шумораи умумии созишномаҳо ва шартномаҳо | Аз он ҷумла | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | саноат | сохтмон | Нақли|т ва роҳ | Савдо ва хӯроки умумӣ | Хизматрасонии маишӣ | Хоҷагии фермери деҳқонӣ | Геология ва корҳои ҷустуҷӯи геологӣ | тандурустӣ | Маориф ва варзиш | Фарҳанг ва санъат | Илм, хизматрасонии илмӣ | Қарз, суғурта | Ташкилотҳои ҷамъияти | Мақомотҳои идора | Дигар соҳаҳо |
| | | | | | | | | | | | | | | | | |